БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори
ҶСДММ «Спитамен Суғурта»
___________ Мурватов Б.Н.
аз «05» марти 2020 сол №06/1

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОӢ ВА ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНИЮ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОӢ

Душанбе – 2020

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи мазкури суғуртаи ихтиёрии нақлиёти ҳавоӣ ва ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони нақлиёти ҳавоӣ (минбаъд «Қоида» ва ё «Қоидаи суғурта» номида мешаванд) мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", қонунгузорӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардидаанд.

1.2. Дар асоси Қоида ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди «Спитамен Суғурта», ки минбаъд Суғуртакунанда номида мешавад, Шартномаҳои суғуртаи ихтиёрии нақлиёти ҳавоӣ ва ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони нақлиёти ҳавоӣ (минбаъд «Шартномаи суғурта» ва ё «Шартнома» номида мешавад) бо Суғурташавандагон ба имзо мерасонад.

1.3. Аз рӯи Қоидаҳои мазкур ба ҳайси Суғурташавандаҳо метавонанд шахсони ҳуқуқии ҳар кадом шаклҳои ташкилӣ - ҳуқуқӣ ва ҳар кадом моликият, инчунин соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеии қобили амал баромад кунанд яъне:

- дорандаи нақлиёти ҳавоӣ ва молу мулки дигари пешбининамудаи Қоида дар асоси ҳуқуқи моликият, пешбурди хоҷагӣ ва ё идоракунии оперативӣ ва ё дар асоси қонунии дигар;

- шаҳодатномаи (сертификат) истифодабарандаи нақлиёти ҳавоӣ;

- иҷозатнома барои амалинамоии фаъолият нақлиёти ҳавоӣ, кашонидани мусофирон, бағоч, борҳо ва почта дар асоси шартномаҳои мусофирбарии ҳавоӣ;

- иҷозатнома барои корҳои авиатсионӣ барои таъмини эҳтиёҷоти шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ;

- нақлиёти истифодабарии ҳавоӣ дар асоси дигар ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор дар шакли муқараршуда, ки чунин истифодабаририи нақлиёти ҳавоиро дар асоси қонунӣ иҷозат медиҳанд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

Фоидагиранда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртавӣ таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст.

Шартномаи суғуртавӣ – шартномае, ки тибқи он суғурташаванда ӯҳдадор аст ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ ӯҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад.

Суғурташаванда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст.

Шахси суғурташуда – шахси воқеӣ, ки ба фоидаи ӯ шартномаи суғуртаи шахсӣ баста шудааст ва ё шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки бо шартномаи суғуртаи ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ӯ суғурта карда шудааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Пардохти суғуртавӣ – маблағи пулӣ, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба суғурташаванда (фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда мепардозад.

Ҷуброни суғуртавӣ – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартномаи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд.

Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар муҳлатҳои дар шартномаи суғуртавӣ муқарраргардида пардохт намояд.

Маблағи суғуртавӣ – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад.

Полиси суғуртавӣ – ҳуҷҷате, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғуртавӣ ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд.

Хавфи суғуртавӣ – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад.

Ҳодисаи суғуртавӣ – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғуртавӣ бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад.

Тарифи суғуртавӣ – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ.

Франшиза – маблағи пешбининамудаи Шартномаи суғуртавӣ, ки бо ҳаҷми он Суғуртакунанда аз пардохти суғуртавӣ озод карда мешавад.

Таъмири садамавии нақлиёти ҳавоӣ – таъмири ғайринақшавии нақлиёти ҳавоӣ, ки барои барқарор кардани дурустии унсурҳои сохтории он баъди нуқсондоршавӣ дар натиҷаи ҳодиса амалӣ карда мешавад.

Агрегат – ҷузъи таркибии нақлиёти ҳавоӣ, ки бевоситаи барои ин қисми захираи байнитаъмирӣ васл карда шудааст ва барои он шиносномаи ҷудогона ва ё варақаи хизмат ба расмият дароварда шудааст.

Агрегати васлгардида – агрегате, ки васлкунии он ба нақлиёти ҳавоӣ аллакай баъди он ки вай аз сатҳ ва ё тахта интиқол дода шудааст ва одатан он дар он сатҳ қарор дорад, шурӯъ шудааст.

Нақлиёти ҳавоӣ – таҷҳизоти парвозкунанда, ки дар атмосфера аз ҳисоби ҳамкории он бо ҳаво нигоҳ дошта мешавад ва аз ҳамкории бо ҳаво инъикосшуда аз сатҳи замин ва ё об фарқ мекунад (тайёраҳо, чархболҳо, таҷҳизотҳои парвозкунандаи таъиноти махсус) ва ба худ воридкунандаи фюзеляж (танаи тайёра), қанот, думбол, шасси, муҳаррикҳо, парраҳои ҳавоӣ, таҷҳизот авиатсионии болои киштӣ, лавозимот ва ҷузъҳо, асбобе, ки васл шудаанд ва ё дар маҷмӯъи болои киштӣ пешбинӣ шудаанд, ба истинои маводҳои сӯзандаву молиданӣ, моеъҳои махсус ва маводҳои дигари сарфшаванда.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Меъёрҳои ҷуғрофӣ – минтақаҳо, ноҳияҳо ва хатсайрҳои парвозҳои нақлиёти ҳавоӣ, ки дар ҳудудҳои он дарбаргирии суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи суғурта амал менамояд.

Талафоти молу мулк (нақлиёти ҳавоӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, таҷҳизот, таркибҳои техникӣ) – сохтории пурра ва ё нопурра:

Шахси иловатан суғурташуда – шахси дигар, ташкилот ва ё дигар субъекти ҳуқуқие, ки дар баробари суғурташаванда номбурда, бо ҳимояи суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи суғурта таъмин гаштаанд.

Қисмҳои эҳтиётӣ – ҷузъҳои ҷудогона, маҷмӯъи ҷузъҳо, пайвандҳои электронӣ, агрегатҳо, инчунин таҷҳизоти барои васлкунӣ ба нақлиёти ҳавоӣ ба сифати таҷҳизоти иловагӣ пешбинишуда ва ё ивазнамоӣ бо сабабҳои бо деталҳои ҳаммонанди пайвандҳои электронӣ, агрегатҳо ва таҷҳизоти нақлиёти ҳавоии суғурташуда, инчунин аз нақлиёти ҳавоӣ ҷудокардашуда ва маҷмӯъи ивазкардашудаи деталҳо, пайвандҳои электронӣ, агрегатҳо ва таҷҳизот.

Дар лангар – давраи вақте, ки дар муддати он нақлиёти ҳавоӣ дар об қарор дорад ва бо лангар маҳкам карда шудааст, аз он ҷумла давраи партофтан лангар ва бардоштани он.

Таҷҳизот ва таркиби техникӣ – воситаи механиконӣ, асбобҳо, таҷҳизот, инчунин таҷҳизоти дастгирии заминӣ, ки дар алоқаи бевосита бо хизматрасонии техникии нақлиёти ҳавоӣ дар ҳудуди фурудгоҳ, ки моликияти шахсии Суғурташаванда ва ё шахсони севвум мебошад ва нисбати онҳо Суғурташаванда ӯҳдадории моддӣ дорад, истифода бурда мешавад.

Нуқсондоршавии молумулк – вайрон кардани комилияти сохтор ва ё вайрон шудани қисматҳо (агрегатҳо) дар натиҷаи таъсири ногаҳонии беруна ба нақлиёти ҳавоӣ, ки гузаронидани таъмири барқароркунандаро (садамавӣ) талаб менамояд.

Парвоз – давраи вақт аз ибтидои ҳаракати тайёра ҳангоми парвоз, ва ё аз ибтидои баландкунии реҷаи корҳои муҳаррикҳо ҳангоми парвоз бидуни танаффус дар пиллаи иҷроӣ, то ба итмом расидани ҳаракат ҳангоми нишастан. Барои чархбол – давраи вақти аз ибтидои ҳаракати чархбол ҳангоми парвоз (аз ибтидои «қадами-газ» ҳангоми парвози амудӣ) то интиҳои ҳаракат ҳангоми фуруд омадан (то партофтани «қадами-газ» ҳангоми фуруди амудӣ). Барои дигар нақлиёти ҳавоӣ – давраи вақти аз лаҳзаи аз сатҳ канда шудан то лаҳзаи аввалин расиш ба сатҳ ҳангоми фуруд омадан.

Шахсони ҷабрдида (шахсоне, ки ба онҳо зарар расонида шудааст) –вобаста аз хусусияти муносиботи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ бо Суғурташаванда, шахсони ҷабрдида (Фоидагирандҳо) метавонанд мусофирон, соҳибони борҳо ва ё шахсони севвум, ки ба онҳо ҳангоми истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ, ҳангоми аз амалинамоии интиқолҳои ҳавоии мусофирон бағоч, борҳо ва почта зарар расонида шудааст.

Аз даст додани истифодабарӣ – ғайриимкон будани истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ дар алоқамандӣ бо ҳодиса.

Ҳодиса – ҳодиса ногаҳони ғайричашмдошт ҳангоми истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ, ҳангоми амалинамои мусофиркашонии ҳавоӣ, кашонидани бағоч, борҳо ва почта, ки ба талафоти нақлиёти ҳавоӣ, бе ному нишон гум шудани он ва ё нуқсондоршавӣ ва ё ба расонидани зарар ба ҳаёт ва ё саломатии шахсони воқеӣ ва/ва ё

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

молумулки шахси воқеӣ ва/ва ё шахси ҳуқуқӣ оварад расонидааст. Ҳодиса бояд аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор сабт карда шуда, ҳуҷҷатан ба расмият дароварда шавад.

Тайёраронӣ – давраи вақте, дар муддати он нақлиёти ҳавоӣ дар майдони парвоз (акватория) зери таъсири кашиши муҳаррикҳои худ аз таваққуфгоҳ ба пиллаи иҷро ҳаракат мекунад ва ё баъди ба итмом расидани ҳаракат барои ба таваққуфгоҳ (лангар) гузоштан, ҳаракат мекунад.

Таваққуф – давраи вақте, ки дар давраи он нақлиёти ҳавоӣ на дар парвоз, на дар тайёраронӣ ва на дар лангар қарор надорад.

Экипажи нақлиёти ҳавоӣ – қумандони нақлиёти ҳавоӣ, шахсони дигари ҳайати парвоз (экипажи парвоз), инчунин операторони киштӣ ва роҳбаладони киштӣ (экипаж кабина), ки ҳайати он барои нақлиёти ҳавоӣ намуди муайян мутобиқи талаботҳо ба истифодабарии парвози нақлиёти ҳавоии чунин намуд муқарар карда шудааст.

## 3. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд ва бо чунинҳо алоқамананданд, ба ҳисоб мераванд:

**дар қисмати суғуртаи нақлиёти ҳавоӣ:**

3.1.1. бо таваккали гум кардан (талафот), нуқсондоршавии нақлиёти ҳавоӣ (агрегати ҷудогонаи он), ки дар шартномаи суғурта ишора шудааст, дар натиҷаи гум шудан, талафот ва ё нуқсондоршавии он;

3.1.2. бо таваккали ба миён омадани зарарҳо (даромадҳои ногирифта), ки бо ғайриимкон будани истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ ва/ва ё хароҷоти, бо иҷрои шартҳои шартномаи байни Суғурташаванда ва шахсони ҷабрдида дар натиҷаи ғайриимкон будани истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ дар натиҷаи нуқсондоршавии он («гум кардани истифодабарии» нақлиёти ҳавоӣ) ба миён омадааст;

**дар қисмати суғуртаи қисмҳои эҳтиётӣ:**

3.1.3. бо таваккали гум кардан, талафот ва ё нуқсондоршавии қисмҳои эҳтиётӣ, таҷҳизот ва таркибҳои техникӣ, ки дар шартномаи суғурта ишора карда шудаанд;

**дар қисмати суғуртаи ӯҳдадории шаҳрвандии мусофиркашии ҳавоӣ:**

3.1.4. бо таваккали ба миён омадани ӯҳдадории Суғурташаванда барои ҷуброни зарар ба ҳаёт ва саломатӣ расонидашуда ва/ва ё ба молумулки шахсони ҷабрдида (Фоидагирандагон) ҳангоми истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ, ки дар шартномаи суғурта ишора шудааст, бо амалинамоии мусофиркашии ҳавоӣ, бағоч, борҳо ва почта алоқаманд.

3.2. Мутобиқи Қоидаҳо метавонанд суғурташуда бошанд:

3.2.1. нақлиёти ҳавоӣ (ӯҳдадории шаҳрвандӣ, авиатсияи давлатӣ ва ё шахсӣ), ки шаҳодатномаи оиди қайди давлатии нақлиёти ҳавоӣ, сертификати (шаҳодатнома) дурусти правозкунандагии нақлиёти ҳавоӣ ва ё ҳуҷҷатҳои дигари ивазкунандаи онҳоро доранд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

3.2.2. агрегатҳои ҷудогонаи нақлиёти ҳавоӣ, ки дар нақлиёти ҳавоӣ васл карда шудаанд ва дорои ҳуҷҷатҳои ба таври бояду шояд ба расмиятдаровардашуда (шиноснома, варақаи хизмат ва ғ.) доранд;

3.2.3. қисмҳои эҳтиётии нақлиёти ҳавоӣ, ки дар шартномаи суғурта ишора карда шудаанд, аз он ҷумла қисмҳои эҳтиётие, ки аз нақлиёти ҳавоӣ муваққатан гирифта шудаанд (иваз карда нашудаанд);

3.2.4. таҷҳизот ва таркибҳои техникӣ, ки дар алоқаманди бевосита бо хизматрасонии техникӣ дар ҳудуди фурудгоҳи нақлиёти ҳавоӣ, ки дар шартномаи суғурта оварда шудаанд, истифода бурда мешаванд.

3.3. Ҷавобгарии Суғуртакунанда ба ҳодисаҳои суғуртавие, ки дар давраи суғурта дар доираи ҳудудҳои ҷуғрофӣ ба миён омадаанд ва онҳое ки дар шартномаи суғурта ишора карда шудаанд, паҳн мегардад.

3.4.Барои суғуртанамоии нақлиёти ҳавоие, ки захираи парвозиашон коркарда шудаанд, қабул карда намешаванд.

3.5. Шартномаи суғурта метавонад суғуртаи ду ва ё зиёда нақлиёти ҳавоиро пешбинӣ намояд, инчунин суғуртаи ӯҳдадории шаҳрвандии Суғурташаванда ҳангоми истифодабарии ду ва ё зиёда нақлиёти ҳавоиро пешбинӣ менамояд.

3.6. Воридкунӣ ва соқиткунии нақлиёти ҳавоӣ мутобиқи «Дастурамал оиди иловакунӣ ва гирифтани нақлиёти ҳавоӣ (AVN 19A)» (барои суғуртаи нақлиёти ҳавоӣ ва ӯҳдадории шаҳрвандӣ) амалӣ карда мешавад.

## 4. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

4.1. Тибқи Қоидаи мазкур субъекти суғурта Суғуртакунанда, Суғурташаванда, Фоидагиранда эътироф карда мешаванд.

4.2. Ба сифати Суғуртакунанда ҶСДММ «Спитамен Суғурта», ки барои амалӣ намудани намуди дахлдори суғурта иҷозатнома дорад, баромад мекунад.

4.3. Суғурташаванда шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъи ба ҳисоб меравандт, ки бо Суғуртакунанда шартномаи суғуртаро бастаанд.

4.4. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад дар мавриди бастани шартномаи суғурта шахсони воқей ва ҳуқуқиро барои гирифтани пардохти суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта фоидагиранда таъин намояд.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1 Дар қисмати суғуртаи нақлиёти ҳавоӣ ба ҳайси таваккалҳои суғуртавӣ, гум кардан, талафот ва ё нуқсондоршавии нақлиёти ҳавоӣ дохил карда мешаванд. Бо мақсади суғуртаи мазкур зери мафҳуми нақлиёти ҳавоӣ , нақлиёти ҳавоӣ, агрегатҳои ҷудогонаи нақлиёти ҳавоӣ, ки дар Қоидаи мазкур тавсиф карда шудаанд ва дар шартномаи суғурта оварда шудаанд, ба ҳисоб меравандт.

5.2 Дар қисмати суғуртаи қисмҳои эҳтиётӣ ба ҳайси таваккалҳои суғуртавӣ гум кардан, талафот ва ё нуқсондоршавии қисмҳои эҳтиётӣ ворид мешаванд. Бо мақсади суғуртаи мазкур зери мафҳуми қисмҳои эҳтиётӣ қисмҳои эҳтиётии нақлиёти ҳавоӣ,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

таҷҳизот ва таркибҳои техникӣ, ки дар Қоидаи мазкур тавсиф карда шудаанд ва дар шартномаи суғурта оварда шудаанд, фаҳмида мешаванд.

5.2.1 Шартномаи суғурта мутобиқи яке аз чунин шартҳо баста мешавад:

5.2.1.1 «гум кардан, талафоти қисмҳои эҳтиётӣ»;

5.2.1.2 «нуқсондоршавии қисмҳои эҳтиётӣ»;

5.2.1.3 «гум кардан, талафот ва/ё нуқсондоршавии қисмҳои эҳтиётӣ».

5.2.2 Ҳангоми амалинамоии ҳамлу нақли қисмҳои эҳтиётӣ бо роҳи баҳрӣ, Суғуртакунанда ба таври иловагӣ садамаи умумӣ ва хароҷотро оиди молумулки наҷотдодашаванда, ки мутобиқи шартнома ба фрахт ё бо қонунгузории амалкунанда ва одатҳои гардишӣ корӣ муайян мешавад ва бо мақсади бартарафнамоӣ ва ё дар алоқамандӣ бо зарурати пешгирии зарар аз ҳар кадом сабабҳо амалӣ шудааст, ба истинои онҳое ки Қоида намепӯшонад, дарбар гирифта мешаванд.

5.3 Дар қисмати суғуртаи ухдадории шаҳрвандӣ далели ба миён омадани ӯҳдадории Суғурташаванда бо қувваи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё созишномаҳои байналхалқӣ ва қонунгузории шаҳрвандии кишварҳое, ки аз воситаи ҳудуди онҳо парвоз амалӣ карда мешавад, ҷуброни зарари ба шахсони ҷабрдида расонидашуда (Фоидагирандаҳо) дар натиҷаи истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ, ҳангоми амалинамоии мусофиркашии ҳавоӣ, бағоч, борҳо ва ё почта, ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда мешавад.

Далели расонидани зарар ва ҳаҷми он бояд чунин тасдиқ карда шавад:

- бо даъвои молу мулкӣ, ки аз ҷониби шахсони ҷабрдида (намояндаи вай) ба суроғаи Суғурташаванда бо замимаи ҳуҷҷатҳои зарура аз мақомоти салоҳиятдор, ки далели расонидани зарарро тасдиқ менамоянд, ирсолшуда;

- қарори суд, ки оиди ҷуброни зарари ба Шахси севвум расонидашуда, қувваи қонунӣ гирифтааст.

Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ба суд бо мақсади муқарар кардани гунаҳкор дар расонидани зарар ва дараҷаи гуноҳи ӯ мурочиат намояд, агар Суғурташаванда аз пешниҳоди даъво саркашӣ намояд.

5.4 Суғуртакунанда инчунин тамоми хароҷоти зарура ва мақсадноке, ки оиди наҷот додани нақлиёти ҳавоӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, инчунин ҳаёт ва молумулки шахсони ҷабрдида, ки ба онҳо дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ зарар расонида шудааст, оиди кам кардан ва муқарар кардани ҳаҷми зарар бо ҳодисаи суғуртавӣ расонидашуда, ҷуброн менамояд.

5.5 Дар қисмати суғурта дар алоқамандӣ бо эҳтимолияти истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ («аз даст додани истифодабарӣ») дар натиҷаи нуқсондоршавии нақлиёти ҳавоӣ.

Дар ҳолате, ки агар Суғурташаванда дар алоқамандӣ бо ғайриимкон будани истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ, дар натиҷаи нуқсондоршавии тасодуфии нақлиёти ҳавоӣ дар давраи суғурта зарар бинад ва нуқсондоршавии мазкур бо шартномаи суғуртаи авиатсионӣ, ки Суғуртакунанда имзо намудааст ва аз рӯи он метавонист пардохт амалӣ гардад дарбар гирифта шавад (бо назардошти тамоми франшизаҳо), ба шарти пардохти подоши иловагии суғуртавӣ, шартномаи суғурта метавонад ҷуброни

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

зарарҳое (фоидаҳои ногирифта), ки дар натиҷаи ғайриимкон будани истифодабарии наклиёти ҳавоӣ («аз даст додани истифодабарӣ») ва ё хароҷоти бо иҷрои шартҳои шартномаи суғуртавӣ бо Суғурташаванда ва шахсони ҷабрдида дар натиҷаи ғайриимкон будани истифодабарии наклиёти ҳавоӣ дар ҳудуди меъёри ӯҳдадории мувофақашуда алоқаманд,пешбинӣ карда шавад.

Ҳимояи суғуртавӣ ба шарте пешниҳод карда мешавад, ки давраи ғайриимкон будани истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ дар алоқамандӣ бо ҳодисаҳои суғуртавӣ аз мӯҳлати муқарарнамудаи шартномаи суғурта аз лаҳзаи рух додани ҳодисаи суғуравӣ зиёд бошад(минбаъд «давраи интизорӣ»). Давраи интизорӣ аз лаҳзаи огоҳинамоии Суғуртакунанда дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ ва ё аз лаҳзаи ба таъмир гузоштани нақлиёти ҳавоӣ вобаста аз он ки кадоме аз ҳодисаҳо дертар ба миён омадааст, шурӯъ мешавад. Мӯҳлати муайяни давраи интизорӣ дар шартномаи суғурта муқарар карда мешавад.

Суғуртакунанда зарарҳои Суғурташавандаро дар алоқамандӣ бо ҳодисаҳои суғуртавӣ, ки дар асоси маблағи ҷуброни дар шартномаи суғуртаи муқараршуда барои ҳар як шабонарӯзи ғайриимкон будани истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ ва мӯҳлати умумии ғайриимкон будани истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ, ки аз лаҳзаи ба итмом расидани давраи интизорӣ истисно карда мешавад, аммо на зиёда аз мӯҳлати бо шартномаи суғурта маҳдудкардашуда мебошад.

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1 Мутобиқи қоидаи суғурта, хавфҳоиҳои суғуртавӣ чунинанд:

- зарарҳое, ки «гум кардан, талафоти нақлиёти ҳавоӣ»;
- «нуқсондоршавии нақлиёти ҳавоӣ»;
- «гум кардан, талафот ва ё нуқсондоршавии нақлиёти ҳавоӣ».

6.2 Суғурта аз рӯи Қоида ба чунин ҳодисаҳои суғуртави ба миёномада паҳн мегардад:

- ҳангоми суғуртанамоӣ дар сафар (парвоз) – аз лаҳзаи ба кор даровардани (пахши) муҳаррикҳои нақлиёти ҳавоӣ барои парвоз дар фурудгоҳи парвоз ва то лаҳзаи хомӯш кардани онҳо дар таваққуфгоҳи фурудгоҳи таъинот;
- нисбати агрегати ҷудогона, ки аз нақлиёти ҳавоии суғурташуда ҷудо карда гирифта шудааст – ба шарте, ки чунин агрегат ҳудуди фурудгоҳро тарк накардааст ба нақлиёти ҳавоии дигар васл карда нашудааст ва ё ба ҷои он агрегати нав васл карда нашудааст.

## 7 ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1 Дар қисмати суғуртаи молумулк маблағи суғуртавӣ наметавонад аз арзиши ҳақиқии (арзиши суғуртавӣ) нақлиёти ҳавоӣ, агрегатҳои ҷудогона, таҷҳизот ва таркибҳои техникӣ дар санаи бастани шартномаи суғурта зиёд бошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

7.1.1 Муайян намудани арзиши суғуртавӣ ҳам нисбати тамоми нақлиёти ҳавоӣ ва ҳам нисбати унсурҳои ҷудогонаи конструктивии он (фюзеляж, қанотҳо, муҳаррик ва ғ.) ва таҷҳизоти махсус (таҷҳизоти парвоз, ҳаракат ва ғ.) амалӣ карда мешавад.

7.1.2 Шартномаи суғурта метавонад суғуртаи флоти Суғурташавандаро дар базаи арзиши миёнаи солонаи флоти мазкури Суғурташаванда пешбинӣ намуда бошад.

7.1.3 Нисбати қисмҳои эҳтиётӣ дар асоси аризаи Суғурташаванда маблағи миёна, ки зери таваккал, дар рӯзи охирини ҳар моҳ дар муддати давраи суғурта ба назар гирифташаванда, Суғурташаванда маблағҳои маҷмӯъиро зери таваккал аз рӯи ҳамаи ҷойҳои будубоши қисмҳои эҳтиётӣ дар ҳолати рӯзи охирини ҳар моҳ ишора менамояд. Маблағҳои маҷмӯӣ ҷамъ карда мешаванд ва сипас ба шумораи моҳҳо аз рӯи Шартнома тақсим карда мешаванд. Суғурташаванда ӯҳдадор аст баҳисобгирии тамоми молумулки суғурташуда, аз он ҷумла аз рӯи арзиши ҳар як воҳиди онро пеш барад.

7.1.4 Молумулк метавонад ба маблағи суғуртавии ҳам ҳаҷми арзиши суғуртавии он ва ҳам ҳаҷм ҳиссаи муайяннамудаи ин арзиш суғурта карда шавад.

7.1.5 Ҳангоми суғуртанамоии молумулк маблағи суғуртавии агрегатӣ пешбинӣ шудааст, яъне маблағи суғуртавӣ аз рӯи объекти суғурта ба ҳаҷми пардохти амалгардидаи суғуртавӣ кам карда мешавад.

7.2 Дар қисмати суғуртаи ӯҳдадории шаҳрвандӣ ҳаҷми маблағи суғуртавӣ (меъёрҳои ӯҳдадории суғуртавӣ) бо созиши тарафҳо муайян карда мешавад.

7.2.1 Дар ҳудуди маблағи суғуртавӣ шартномаи суғурта метавонад маблағҳои ҷудогонаи суғуртавӣ (меъёрҳои ҷуброн) муқарар карда бошад:

- нисбати расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии як ва ё якчанд шахсони воқеӣ;
- нисбати расонидани зарар ба молумулки ҳар кадом ҳаҷми шахсони воқеӣ ва ё шахсони ҳуқуқӣ.

7.2.2 Ҳангоми суғуртанамоии уҳдадории шаҳрвандӣ маблағи ғайриагрегати суғуртавӣ пешбинӣ шудааст, яъне маблағи суғуртавӣ ба ҳаҷми пардохти суғуртавии амалигардида кам карда намешавад.

7.3 Дар қисмати суғуртаи аз даст додани истифодабарии маблағи суғуртавӣ аз рӯи созиши тарафҳо дар асоси ҳаҷми эҳтимолии зарари эҳтимолӣ (даромадҳои нагирифта) аз ғайримкон будани истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ ва ҳаҷми эҳтимолии хароҷот, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ аз тарафи севвум пешбинӣ шудааст, муқарар карда мешавад.

7.3.1 Ҳаҷми зарари эҳтимолӣ (даромадаҳои нагирифта) дар асоси ҳаҷми даромади миёнаи ҳармоҳаи суғурташаванда дар давраи вақте, ки ба 12 моҳ баробар аст ва пеш аз бастани шартномаи суғурта меистад, муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат, агар суғурташаванда тавонад ки ҳуҷҷатан маблағи эҳтимолии даромаде ки ва аз истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ дар давраи суғурта мегирад, тасдиқ намояд, онгоҳ маблағи суғуртавӣ дар ҳаҷми ҳамон даромад муайян карда мешавад.

## 8 ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Тарофаи суғуртавӣ (меъёри ҳаққи суғуртавӣ аз маблағи ягонаи суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртаи ихтиёрӣ бо розигии тарафҳо бо назардошти ҳар як намуди

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

алоҳидаи хавфи суғуртавӣ, эҳтимолияти рух додани он, эҳтимолияти зарар ҳангоми руходани ҳодисаи суғуртавӣ ва меъёрҳои тарофавие, ки бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқа карда шудааст амалӣ карда мешавад.

## 9 ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ

9.1 Ҳаққи суғуртавӣ нисбати ҳар яке аз таваккалҳои барои суғурта истифодабаранда муқарар карда мешавад ва метавонад вобаста аз омилҳои таваккали аз ҷониби мутахассисон муайянкунанда, ислоҳ дароварда шавад.

9.2 Ҳаққи суғуртавӣ бо пардохти яквақтина ҳангоми суғурта ба мӯҳлати як сол ва ё ҳамасола ҳангоми суғуртанамоӣ барои якчанд сол пардохт мегардад.

Аммо ҳангоми ба имзо расонидани Шартномаи суғурта тарафҳо метавонанд тартиби мӯҳлатноки пардохти ҳаққи суғуртавиро гуфтугузор намоянд.

9.3 Агар мутобиқи Шартномаи суғурта ҳаққи суғуртавӣ дар якчанд марҳилаҳо пардохт карда шавад ва дар лаҳзаи муқарар кардани ҳолатҳои бо он алоқаманд, ки маблағи суғуртавӣ аз арзиши суғуртавӣ баланд аст, он нопурра ворид карда шудааст, ҳаққи суғуртавии боқимонда бояд дар ҳаҷми, баробарҳаҷми камшудаи ҳаҷми маҷблағи суғуртавӣ пардохт карда шаванд.

9.4 Ҳаққи суғуртавӣ ба таври ғайринақдӣ ба суратҳисоби Суғуртакунанда дар муддати 5 рӯзи бонкӣ аз рӯзи ба имзо расидани Шартномаи суғурта пардохта мешавад, агар Шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад. Ҳангоми суғурта ба муддати якчанд сол ҳаққи навбатии солона дар муддати як моҳ гузаронида мешавад, ки аз соли суғуртавии навбатӣ пештар аст, агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

## 10 ТАРТИБИ БАСТАН ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТАВӢ

10.1 Шартномаи суғурта созиши байни Суғуртакунанда ва Суғурташаванда мебошад, ки бо қувваи он Суғуртакунанда ӯҳдадор мешавад ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пардохти суғуртавиро ба Суғурташаванда (Фоидагиранда), инчунин ба шахсони зарардида (Фоидагирандаҳо), ки дар назди онҳо Суғурташаванда ухдадории шаҳрвандӣ дорад пардохт намояд, Суғурташаванда бошад, ухдадор мешавад подоши суғуртавиро (аъзоҳаққии суғуртавӣ) дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи Шартномаи суғурта пардохт намояд.

10.2 Шартномаи суғурта дар асоси ариза-анкетаи хаттии Суғурташаванда, ки маълумоти заруриро оиди объекти суғурта, маълумот оиди тамоми ҳолатҳои барои муайян намудани дараҷаи таваккал дар бар мегирад, ба имзо расонида мешавад. Қарор оиди қабули таваккали суғурта инчунин метавонад бо назардошти натиҷаҳои (маълумотҳо) экспертизаи зерсуғурта, ки аз ҷониби экспертҳои Суғуртакунанда (ҳангоми зарурат) ва ё аз ҷониби экспертҳои ташкилотҳои беруна, ки аз ҷониби Суғуртакунанда ҷалб гардидаанд, гузаронида мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби Суғурташаванда пешниҳод нагаштани маълумоти ишорашуда, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз бастани Шартномаи суғурта бидуни шарҳи сабаб даст кашад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Дар баробари ариза-саволнома Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз Суғурташаванда пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи моликият (соҳибӣ, истифода) ба наклиёти ҳавоӣ (шаҳодатнома оиди бақайдгири давлатии наклиёти ҳавоӣ) ва ё ҳуҷҷатҳои дигари ивазкунандаи онҳо, ҳуқуқи истифодабарии наклиёти ҳавоии ишорашуда (сертификати амалкунанда (шаҳодатнома) истифодабаранда ва ё ҳуҷҷатҳои дигаре, ки дар б.1.3. Қоидаҳо ишора шуданд) инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ҳаҷми ӯҳадории гирифтаи Суғурташаванда барои расонидани зарар ба мусофирон (аз он ҷумла бағоч ва ашёи шахсӣ) ва соҳибон борҳо ва маҳдудиятҳо истиодашавандаи чунин ӯҳдадорӣ (бланкҳои чиптаи мусофирӣ, расиди бағоч, шартномаҳо, созишномаҳо) талаб намояд.

Дар ҳолати бастани шартномаи суғурта мутобиқи Қоида, Суғуртакунанда инчунин ҳуқуқ дорад аз Суғурташаванда пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, аз он ҷумла ҳисоботи молиявӣ, шартномаҳо бо шахсони севвум, ки даромади ҳармоҳинаи суғурташавандаро тасдиқ мекунанд, инчунин маблағи даромади эҳтмолие, ки Суғурташаванда аз истифодабарии наклиёти ҳавоӣ дар давраи суғурта мегирад, муайян менамояд.

10.3 Суғуртакунанда танҳо дар ҳолати аз ҷониби Суғурташаванда риоя гардидани ӯҳдадори аз рӯи Қоидаҳо, шартҳои Шартномаи суғурта, аз он ҷумла риояи ӯҳдадорӣ оиди хабардиҳии ҳақиқатҳои мутобиқаткунанда ва маълумоти пурра оиди объекти суғурта ҳангоми бастани Шартнома, аз рӯи шартнома ӯҳдадор мегардад.

10.4 Далели бастани Шартномаи суғурта метавонад аз ҷониби Суғуртакунанда ба Суғурташаванда интиқол додани полис, ки аз ҷониби тарафайн ба имзо расидааст – Суғурташаванда ва Суғуртакунанда – Шартнома дар намуди ҳуҷҷати ягона, ки мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шудааст, тасдиқ карда мешавад.

10.5 Шартномаи суғурта ба ҳар кадом мӯҳлати байни тарафҳо мувофақашуда баста мешавад.

10.6 Шартномаи суғурта аз санаи пардохти ҳаққи якмаротибаи ва ё аъзоҳаққи аввалин, қувваи қонунӣ мегирад, агар дар Шартномаи суғурта дигар ҳолатҳо пешбинӣ нашуда бошанд.

Санаи пардохти ҳаққи якмаротиба ва ё аъзоҳаққии аввалин, агар Шартномаи суғурта дигар ҳолатҳоро пешбинӣ накарда бошад, чунин аст:

10.6.1 ҳангоми пардохт бо пули нақд – соати 00:00 дақиқаи рӯзи баъди рӯзи гирифтани маблағ аз ҷониби намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда ва ё ворид гардидани маблағи ба хазинаи Суғуртакунанда;

10.6.2 ҳангоми ҳисобу китоби ғайринақдӣ – соати 00:00 дақиқаи рӯзи баъди рӯзи воридгардии маблағ ба суратҳисоби Суғуртакунанда.

10.7 Давраи амали суғуртаро шартномаи суғурта муқарар менамояд.

Агар наклиёти ҳавоие, ки дар шартномаи суғурта ишора карда шудааст, дар лаҳзаи ба итмом расидани мӯҳлати суғурта дар парвоз (сафар), дар фурудгоҳи эҳтиётӣ қарор дошта бошад ва ё ба фалокат дучор шуда бошад, онгоҳ мӯҳлати пештар муқарарнамудаи шартномаи суғуртаи метавонад то аввалин фурудоии ин наклиёти ҳавоӣ тамдид карда мешавад, Суғурташаванда бошад бояд ба Суғуртакунанда

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

аъзоҳаққии иловагии суғуртавиро баробарҳаҷм ба мӯҳлати тамдиди шартномаи суғурта пардохт намояд.

Ҳангоми суғуртанамоии дар сафар ӯҳдадории Суғуртакунанда, агар дар шартномаи суғуртаи гуфтугузор нашуда бошад, аз лаҳзаи ба кор даровардани муҳаррикҳо дар фурудгоҳи парвоз шурӯъ шуда, дар лаҳзаи хомӯш кардани муҳаррикҳо дар таваққуфгоҳи фурудгоҳи расиш ба итмом мерасад.

10.8 Дар давраи амали шартномаи суғурта Суғурташаванда (Фоидагиранд) ӯҳдадор аст ба Суғуртакунанда оиди тағийротҳои арзишноки ба ӯ маълумшудаи ҳолатҳо, ки ба Суғуртакунанда ҳангоми бастани шартнома хабар дода шудааст, хабар диҳад.

Ба ҳайси ҳолатҳои тағийрёбандаи арзишнок ба ҳар ҳолат, тағийротҳое, ки дар шартномаи суғурта, ариза-саволнома дар суғурта дар Қоидаҳои суғурта гуфтугузор шудаанд, эътироф карда мешаванд, аз он ҷумла ҳар кадом тағийрот дар фаъолияти Суғурташаванда, ки метавонад ба дараҷаи аҳлона аз ҷониби Суғуртакунанда ҳамчун тағйирёбие, ки таваккалро аз нуқтаи назари дараҷаи он (бузургӣ) ва эҳтимолият, ва ё ҳамчун тағйирот зиёд мегардонад ва имконияти барқарор кардани имкони паст кардани имконияти барқароркунии Нақлиёти ҳавоӣ ва ё интиқоли ҳуқуқҳои регрессивии Суғуртакунандаро паст мегардонад, фаҳмида мешавад.

Махсусан зери мафҳуми тағийротҳои арзишнок чунин фаҳмида мешавад:

- амалинамоии парвозҳо дар кишварҳое, ки аз меъёрҳои ҷуғрофии дарбаргирии суғуртавӣ мутобиқи Шартномаи суғурта соқит карда шудаанд, инчунин парвозҳо дар кишварҳое, ки мутобиқи Шартномаи суғурта соқит карда нашудаанд, аммо онҳое ки дар санаи амалинамоии парвоз ҳодисаҳое имкон доранд, ки метавонанд аз ҷониби Суғуртакунанда ҳамчун ҳодисаи дараҷаи баланд ва ё зудии таваккалҳои суғурташуда тафсир карда шаванд;

- баромадан аз ҳудудҳои дар шартномаи суғурта мувофақашудаи меъёрҳои ҷуғрофӣ, берун рафтан аз хатсайрҳои дар шартномаи суғурта шартгузоришуда;

- тағийрёбии дигаршавии конструктивӣ, ки ба тағийрёбии намуди Нақлиёти ҳавоӣ оварда расонидааст;

- таъхири сафар;

- ба ҷои дигар бурдани нақлиёти ҳавоӣ барои фурӯш, аз ҳисоб баровардан, интиқол додан барои таъмир, иҷора/лизинг, парвозҳои намоишӣ, санҷишҳо.

Хабар оид тағийрёби таваккали суғуртавӣ метавонад ба Суғуртакунанда дар ҳар кадом шакли дастрас (ба воситаи алоқаи телефонӣ, факсимилӣ, телеграфӣ, электронӣ, почтавӣ, ва ё бевосита), бо тасдиқи минбаъда расонида мешавад.

10.9 Суғуртакунандае, ки оиди ҳолатҳои ба баландшавии таваккали суғуртавӣ овардарасонида, ҳуқуқ дорад тағийри шартҳои шартномаи суғурта ва ё пардохти подоши иловагии суғуртаиро баробарҳаҷм ба баландшавии таваккал талаб намояд. Агар Суғурташаванда (Фоидагиранда) муқобили тағийротҳои шартҳои шартномаи суғурта ва ё иловатан пардохтани подоши суғуртавӣ эътироз намояд, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бекор кардани шартномаро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.10 Шартҳои шартномаи суғурта метавонанд дигар карда шаванд ва ё бо созиши тарафҳо аз рӯи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон илова ворид карда шаванд. Ҳар кадом тағийрот ва иловаҳо ба Шартномаи суғурта танҳо дар он ҳолат амал менамоянд, ки агар онҳо ба таври бояду шояд ба таври хаттӣ ба расмият даровarda шуда аз ҷониби ҳар дуи тарафҳои шартномаи суғурта ба имзо расидаанд.

10.11 Шартномаи суғурта дар чунин ҳолатҳо қатъ карда мешавад:

- ба итмом расидани мӯҳлати амали он;

- аз ҷониби Суғуртакунанда ба пуррагӣ иҷро намудани ӯҳдадориҳо аз рӯи Шартнома;

- бо талаби Суғуртакунанда дар ҳолати аз ҷониби Суғурташаванда напардохтани пардохти суғуртавӣ (аъзоҳаққиҳои суғуртавӣ) дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи шартнома;

- барҳамдиҳӣ ва ё азнавташкилшавии Суғурташаванда, агар қабулкунандаи ҳуқуқ таъин нашуда бошад, инчунин ба ҷуз ҳолатҳо иваз шудани Суғурташаванда дар шартнома;

- барҳамдиҳӣ ва ё азнавташкилшавии Суғуртакунанда, агар қабулкунандаи ҳуқуқ таъин нашуда бошад;

- қувваи қонунӣ гирифтани қарори суд оиди ғайриҳақиқӣ эътироф намудани шартномаи суғурта;

- қатъ гардидани фаъолияти Суғурташаванда аз рӯи тартиби муқарарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ, амалинамоии ҳамлу нақли ҳавоии мусофирон, бағоч, борҳо ва почта;

- дар дигар ҳолатҳое ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

10.12 Шартномаи суғурта метавонад пеш аз мӯҳлат бо талаби Суғурташаванда ва ё Суғуртакунанда қатъ карда шавад, агар ин бо шартҳои шартномаи суғурта, ва ё бо созиши ҳамдигарии тарафҳо ҳангоми риояи талаботҳои мукрарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад.

10.13 Оиди нияти пеш аз мӯҳлат қатъ кардани шартномаи суғурта тарафҳо ӯҳдадоранд ҳамдигарро на дертар аз 30 рӯз то санаи эҳтмолии қатъномоии шартномаи суғуртаи огоҳ намоянд, агар шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

10.14 Шартномаи суғурта метавонад то расидани мӯҳлате, ки мутобиқи он баста шудааст қатъ карда шавад, агар баъди қувваи қонунӣ гирифтани он имконияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз байн рафта бошад ва мавҷудияти таваккали суғуртавӣ бо ҳолатҳои аз ҳолатҳои суғуртавӣ фарққунанда қатъ гардидааст.

Ба чунин ҳолатҳо махсусан талафоти молумулки суғурташуда бо сабабҳои аз рух додани ҳодисаи суғуртавӣ фарққунанада мансуб аст.

Ҳангоми пеш аз мӯҳлат қатъ кардани шартномаи суғурта бо ҳолатҳои аз ҳодисаи суғуртавӣ фарққунанда, Суғуртакунанда ба қисми подоши суғуртавӣ баробарҳаҷм ба вақте ки дар муддати он суғурта амал менамуд, ҳуқуқ дорад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғурташаванда ҳуқуқ дорад аз шартномаи суғурта дар ҳар кадом вақт даст кашад, агар дар лаҳзаи даст кашидан имконияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ бо ҳолатҳои аз ҳодисаи суғуртавӣ фарқкунанда аз байн нарафтааст.

## 11 ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1 **Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:**

- бо Қоидаҳо то бастани шартномаи суғурта шинос шавад;
- шахсони воқеӣ ва ё шахсони ҳуқуқиро (Фоидагирандагон) барои гирифтани пардохти суғуртавӣ ҳангоми бастани шартномаи суғурта таъин намояд, инчунин онҳоро иваз намояд ва ё дар муддати мӯҳлати амали он соқит намояд. Фоидагиранда наметавонад бо шахсони дигар баъди он ки вай ягон ӯҳдадориро аз рӯи Шартномаи суғурта иҷро намуд ва ё ба Суғуртакунанда талаб оиди пардохти суғуртавӣ пешниҳод намуд, иваз карда намешавд;
- иваз кардани (бе огоҳии пешакии Суғуртакунанда оиди ворид намудани тағийрот ба шартномаи суғуртаи амалкунанда) агрегатҳои нақлиёти ҳавоӣ аз рӯи намуд ва таъиноти ҳаммонанди он ба шарти нигоҳ доштани арзиши умумии суғуртавии нақлиёти ҳавоӣ ва ё ҳангоми нигоҳ доштани тақсимоти фоизӣ, инчунин агрегатҳое, ки шартномаи суғурта муқарар намудааст;
- бо созиш бо Суғуртакунанда таъин намояд, иваз намояд ва ё шахсоне, ки ӯҳдадории онҳо мутобиқи шартномаи суғуртаи амалкунанда суғурта шудааст, дар муддати мӯҳлати амали он то рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, соқит намояд;
- бо ҳуҷҷатҳое, ки қобилияти ҳуқуқӣ ва пардохтпазирии Суғуртакунандаро тасдиқ менамоянд, шинос шавад;
- нақлиёти ҳавоии иловагиро дар асоси шартҳои шартномаи суғуртаи амалкунанда дар муддати мӯҳлати амали он суғурта намояд ва ё аз шартномаи суғуртаи амалкунанда нақлиёти ҷудогонаро мутобиқи «Дастурамал оиди илова кардан ва баровардани нақлиёти ҳавоӣ (AVN 19A)» соқит намояд.

11.2 **Суғурташаванда ӯҳдадор аст:**

- ҳангоми бастани шартномаи суғурта ба Суғуртакунанда тамоми маълумотро оиди хусусиятҳои нақлиёти ҳавоӣ, ки бехатарии парвозҳоро паст мегардонад, инчунин оиди тамоми шартномаҳои суғурта басташуда ва ё басташаванда нисбати нақлиёти ҳавоии мазкур хабар диҳад;
- ҳангоми бастани шартномаи суғурта ба Суғуртакунанда оиди тамоми ҳолатҳои ба вай маълум, ки барои баҳогузории таваккали суғуртавӣ арзишнок хабар диҳад ва ба Суғуртакунанда оиди тағийроти онҳо дар муддати мӯҳлати амали шартномаи суғурта маълумот диҳад;
- ба Суғуртакунанда оиди тағийротҳои ҳуқуқ барои соҳибият, фармонравоӣ ва истифодаи молумулки суғурташуда, инчунин оиди манфиатҳои шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ нисбати объекти суғурта маълумот диҳад;
- ба Суғуртакунанда оиди шартномаҳои басташудаи дигар ва ё басташаванда нисбати нақлиёти ҳавоии суғурташуда, агрегатҳо ҷудогона, қисмҳои эҳтиётӣ, таҷҳизот ва таркиби техникӣ, инчунин нисбати ҳаҷми ӯҳдадории ба худ гирифтаи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғурташаванда барои расонидани зарар ва маҳдудиятҳои истифодашавандаи чунин ӯҳдадорӣ дар муддати 30 рӯз то ибтидои амали онҳо хабар диҳад;

- шартҳои заруреро ба Суғуртакунанда барои аз ҷониби ӯ гузронидани чорабиниҳо (азназаргузаронӣ, экспертизаи нақлиёти ҳавоӣ, агрегатҳои ҷудогона, қисмҳои эҳтиётӣ, таҷҳизот ва таркибҳои техникӣ, тафтиши шартҳои хизматрасониҳои техникии он ва истифодабарии, иштирок дар тафтиши ҳодисаҳои суғуртавӣ ва ғ.), созмон диҳад, ҳуқуқ оиди пешниҳоди манфиатҳои Суғурташавандаро дар гуфтушунидҳо ва равандҳои судӣ, ки бо бастани шартномаи суғурта ва иҷрои он дар мӯҳлати амали он вакилӣ намояд;

- талаби роҳбарият (супоришҳо) оиди ҳаракати авиатсионӣ техникаи парвоз, истифодабарии парвоз ва хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ, агрегатҳои ҷудогона, таҷҳизот ва таркибҳои техникӣ, риоя намояд, ба таври автоматикӣ тамоми ҳуҷҷатгузориро оиди суғуртаи молумулке, ки бо Қоидаҳои амалкунанда талаб карда мешаванд пеш барад ва ин ҳуҷҷатҳоро бо дархости Суғуртакунанда ва ё намояндаи он пешниҳод намояд;

- фавран ба Суғуртакунанда дар бораи тамоми тағийротҳои арзишноки ба дараҷаи таваккали истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ таъсир расонанда хабар диҳад: ворид кардани дигаркунии сохторӣ, ки ба тағийрёбии намуди нақлиёти ҳавоӣ, баромадан аз ҳудудҳои меъёрҳои ҷуғрофии мувофақашуда, баромадан аз хатсайри мувофақашудаи шартномаи суғурта ва ё таъхири парвоз (ҳангоми суғуртанамоии сафари муайян), ронда бурадан барои фурӯш, соқит кардан аз номгӯй ба таъмир ва ғ. хабар диҳад;

- ҳангоми рух додани ҳодиса бо молумулки суғурташуда:

- фавран чораҳоро оиди паст кардани зарарҳои, бо ҳодиса алоқамандро андешад;

- фавран ба мақомоти бехатарии парвозҳо оиди рух додан ҳодиса бо нақлиёти ҳавоӣ барои таъин намудани комиссия тафтишотӣ, хабар диҳад;

- дар муддати 72 соат аз лаҳзае, ки ин ҳолат ба вай маълум шудааст ба Суғуртакунанда оиди ҳодиса бо тасдиқи минбаъдаи хабар ба таври хаттӣ хабар диҳад;

- ба Суғуртакунанда тамоми маълумоти минбаъда оиди ҳодиса хабар диҳад;

- бо Суғуртакунанда тамоми чорабиниҳо оиди барқароркунии нақлиёти ҳавои зарардида, агрегатҳои он, қисмҳои эҳтиётӣ, таҷҳизот ва таркибҳои техникии он мувофақа намояд;

- чораҳои оиди ҷамъ намудан ва интиқоли ҳуҷҷатҳои зарура оиди ҳодисаи суғуртавӣ ба Суғуртакунанда андеша, аз он ҷумла барои таъмини ҳуқуқи талаб ба тарафи гунаҳкор андешад;

- дастрасии намояндаи Суғуртакунандаро ба ҷои ҳодисаи парвоз, шинос шудан бо тамоми маводҳои заруриаи комиссия таъмин намояд;

- ба Суғуртакунанда иқтибоси тасдиқшударо аз санади тафтишот оиди ҳолатҳо ва талафоти ба нақлиёти ҳавоӣ расонидашударо пешниҳод намояд;

- ягон намуди эътирофкунии ӯҳдадорӣ накунад, ягон намуди ӯҳдадории бевосита ва ё бавоста оид қонеъ намудани талаботҳои шахсон ҷабрдида қабул

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

нанамояд ва ягон намуди пардохтҳоро бе розигии хатти Суғуртакунанда амалӣ нанамояд;

- бо Суғуртакунанда интихоби корхона таъмирӣ оид бартараф кардани оқибатҳои ҳодисаи суғуртавӣ мувофақа намояд;

- ба таври бояду шояд ба расмият даровардан ва супоридани ҳуҷҷатҳоро таъмин намояд: ба мусофир – чиптаи мусофирӣ ва расиди бағоч (ва ё ҳуҷҷатҳои ивазкунандаи онҳо) то ҳамлу нақли ҳавоӣ, ба соҳиби бор – борхат то бор кардани бор ба нақлиёти ҳавоӣ, ба шарте, ки ҳар кадом мусофир (инчунин бағоч бақайдгирифташуда ва ашёҳо дар назди мусофири қарор дошта бошанд) ва ё ҳар кадом бор ва почтае, ки бо нақлиёти ҳавоӣ бар ивази пардохт интиқол дода мешаванд, мутобиқи шартномаи ҳамлу нақл (бо чиптаҳои мусофирӣ, расидҳои бағоч ва борхатҳо), ки ҳаҷми ӯҳдадории ба худ қабулкунандаи Суғурташаванда барои расонидани зарар ба мусофирон (аз он ҷумла бағоч ва ашёе, ки дар назди мусофир қарор дорад) ва маҳдудиятҳои қабулшавандаи ин ӯҳдадорӣ тасдиқ менамоянд.

Огоҳонидани шахсони ҷабрдида (Фоидагирандагон) оиди ҳуқуқи онҳо барои муроҷиат намудан ба Суғуртакунанда бо ариза оиди пардохти ҷуброни суғуртавӣ.

11.3 **Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:**

- ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи нақлиёти ҳавоӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, таҷҳизот ва таркибҳои техникӣ, ки ҷоиз ба суғурта мебошанд аз назар гузаронад, ҳуҷҷатгузорие, ки ба нақлиёти ҳавоӣ мансуб аст, ҳуҷҷатҳои дигари ба Суғуртакунанда барои баҳогузории таваккали суғуртавӣ ва муайян кардани шартҳои суғурта заруриро омӯзад;

- дар тадқиқоти ҳодисаҳои суғуртавӣ иштирок намояд ва корҳои дигари бо иҷрои шартномаи суғурта дар муддати мӯҳлати амали он алоқамандро амалӣ намояд;

- экспертро барои гузаронидани тадқиқоти суғуртавӣ бо мақсади муқарар кардани далели ҳодисаи суғуртавӣ ва муайян намудани ҳаҷми зарар таъин намояд, ширкати ҳуқуқиро барои намояндагии манфиатҳои Суғурташаванда дар раванди судӣ таъин намояд

- ҳаҷми подоши суғуртавиро тағийр диҳад ва аз Суғурташаванда гузаронидани аъзоҳақии иловагии суғуртавиро ба суратҳисоби Суғуртакунанда ҳангоми ба миён омадани далелҳои баландкунандаи таваккали истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ (гузаронидани дигаркунии конструктивӣ, тағийрёбии хатсайрҳои парвоз, ба ҷои дигар барои фурӯш ва ё таъмир бурдан, иваз кардани ҳайати парвоз ва ғ.) талаб намояд. Даст кашидани Суғурташаванда аз пардохти аъзоҳаққии иловагии суғуртавӣ ба Суғуртакунанда ҳуқуқи бекор кардани шартнома ибтидоан аз лаҳзаи тағийрёбии дараҷаи таваккали истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ медиҳад;

- ба гуфтушунидҳо ва созишномаҳо оиди ҷубронҳо зарари, ба Суғурташаванда расонидашуда ворид шавад (шахсони Суғурташуда), инчунин парвандаҳои бо ин алоқамандро пеш барад;

- пардохти ҷуброни суғуртавиро барои равшан кардани ҳолатҳои рух додани ҳодисаи дорои аломати ҳодисаи суғуртавӣ, гурӯҳбандии ҳодисаи мазкур ва муқарар кардани шакли гуноҳ ба таъхир гузорад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- манфиатҳои Суғурташавандаро дар раванди судӣ бо талаби дар тартиби тафтишоти судӣ аз ҷониби шахсони зарардида арзгардида нисбати Суғурташаванда намояндагӣ намояд.

**11.4. Суғуртакунанда ӯҳдадор аст:**

- дар ҳолати аз ҷониби Суғурташаванда гум кардани шартномаи суғурта ва ё полиси суғуртавӣ (сертификат) ба ӯ нусхаи дуввум онро диҳад;

- дар ҳолати аз ҷониби Суғурташаванда гузаронидани чорабиниҳои пасткунандаи таваккали рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарари эҳтимолӣ оиди объекти суғурта, ва ё дар ҳолати баландшавии арзиши ҳақиқии он бо аризаи Суғурташаванда шартномаи суғуртаро бо дар назардошти ин ӯҳдадориҳо аз нав ба имзо расонад;

- дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Суғурташаванда ва дар мӯҳлатҳои, муқарарнамудаи шартномаи суғурта, Санади суғуртавӣ дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ тартиб диҳад ва ё ба Суғурташаванда оиди даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ бо ишора намудани сабабҳои даст кашӣ ба таври хаттӣ ирсол намояд;

- ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ пардохти суғуртавиро дар мӯҳлати муқарарнамудаи шартномаи суғурта амалӣ намояд;

- хароҷоти, амалинамудаи Суғурташавандаро ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пешгирӣ ва ё кам кардани зарари объекти суғурта ҷуброн намояд;

11.5. Шартномаи суғурта, бо созиши тарафҳо, метавонад ҳуқуқу ӯҳдадорҳои дигари Тарафҳоро, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, пешбинӣ намояд.

## 12 МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1 Аз рӯи Қоидаҳо ба ҳодисаҳои суғуртавӣ нуқсондоршавие, ки бо равандҳои корӣ, ки дар агрегатҳо амалӣ карда мешаванд мансуб нестанд, инчунин бо сарбориҳои истифодабарии муқарарӣ ба миёномада, махз:

- нуқсондоршавӣ ва аз кор баромадани агрегатҳои ҷудогона (низомҳо), ки дар натиҷаи фарсудашавии онҳо ва кӯҳнашавӣ дар раванди истифодабарӣ, нуқсонҳо ва амали кормандони раванд ва омилҳои мурофақаткунанда ба миён омадаанд, агар оқибати чунин нуқсонҳо ва аз кор баромаданҳо дар дохили ин агрегатҳо (низомҳо) ҷойгир шуда бошанд;

- нуқсондоршавии ҷузъҳои ҷудогонаи агрегатҳо, ки хусусияти ҷамъшаванда ва ё хуруҷкунандаи (сӯрохиҳои мондашавӣ, коррозия, ба қабат ҷудошавӣ ва ғ.),ки бо таъсири шартҳои истифодабарӣ ва сарбориҳо алоқаманд аст;

- нуқсондоршавии маконӣ (пачақшудаҳо ва барҷастагиҳо) шонаҳои компрессор муҳаррик, тирҳои ҳавоӣ, унсурҳои рӯйпӯши беруна ва дигар агрегатҳои нақлиёти ҳавоӣ , агар онҳо сабаби ҳодисаи муайяни бақайдгирифташудаи нақлиёти ҳавоӣ набошанд;

- носозиҳое, ки ҳангоми иҷрои корҳои батартибандозӣ ва азназаргузаронии баъди парвозӣ ошкор карда шудаанд, агар исботи санаи аниқ ва вақти ҷои гирифтани нуқсонҳо ғайриимкон бошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Агар дар натиҷаи сабабҳои дар Қоида ишорашуда, талафоти нақлиёти ҳавоӣ ва ё нуқсондоршавии агрегатҳои дигар ва унсурҳои нақлиёти ҳавоӣ ба миён ояд, онгоҳ ин ҳодисаҳо ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ баррасӣ карда мешаванд.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Ба маблағи ҷуброни суғуртавӣ вобаста аз зарари равонидашуда дохил мегарданд:

а) дар қисмати суғуртаи нақлиётҳои ҳавоӣ:

- бо таваккали нуқсондоршавии нақлиёти ҳавоӣ (агрегати ҷудогонаи он), ки дар шартномаи суғурта ишора шудааст, дар натиҷаи талафот ва ё нуқсондоршавии он зарар ҷуброни карда мешавад;

- бо таваккали ба миён омадани зарарҳо (даромадҳои ногирифта), ки бо ғайриимкон будани истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ ва/ва ё хароҷоти, бо иҷрои шартҳои шартномаи байни Суғурташаванда ва шахсони ҷабрдида дар натиҷаи ғайриимкон будани истифодабарии нақлиёти ҳавоӣ дар натиҷаи нуқсондоршавии он («гум кардани истифодабарии» нақлиёти ҳавоӣ) ба миён омадааст ҷуброн карда мешавад;

б) дар қисми зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии мусофирон нақлиёти ҳавоӣ:

-даромаде, ки ҷабрдида бинобар сабаби гум кардани қобилияти корӣ ё ин ки кам шудани он дар натиҷаи маъюб шудан ё дигар вайроншавии саломатӣ, дар тамоми давраи гум кардани қобилияти корӣ маҳрум шудааст;

-ҳарочотҳои иловагие, ки барои барқароркунии саломатии ҷабрдида заруранд (хӯроки серғизо, табобати санаторӣ-фароғатӣ, нигоҳубини бегона, гузоштани узвҳои сунъӣ, хароҷоти нақлиётӣ ва ғ.).;

-қисми даромаде, ки дар сурати ба ҳалокат расидани ҷабрдида шахсони ғайри қобили меҳнати дар таъминоти ӯ қарордошта ё ҳукуки гирифтани таъминоти ӯ буда дар давраи мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда, маҳрум гардидаанд;

-хароҷоти дафн дар сурати ба ҳалокат расидани ҷабрдида;

в) дар қисми зарари ба бағоҷ ва дигар molу мулки мусофирони нақлиёти ҳавоӣ расонидашуда:

- зараре, ки бо нестунобуд сохтан ё вайрон кардани молу мулк ба андозаи арзиши молу мулки несту нобуд шуда ё таъмири (барқароркунии) молу мулки вайроншуда бо нархи он ба санаи бастани шартномаи суғурта.

Аммо пардохтҳо дар доираи меъёри ҷавобгарии Суғурташаванда набояд аз андозаи зараре, ки дар даъвои асоснок муқаррар гардидаи аз тарафи намояндагони Суғуртакунанда, ҷабрдида Шахси сеюм ва Суғурташаванда тартиб дода шудааст ё маблағи даъво аз рӯи ҳалномаи судӣ зиёд бошанд.

в) дар қисми пардохтҳои бо гузаронидани тафтиши пешакӣ, мурофиаҳои судӣ ва ҳаллу фасли даъвоҳои ба Суғуртакунанда пешниҳодшуда алоқаманд, пардохти чунин хароҷотҳо вобаста аз нархҳои миёнае, ки дар оғози амали шартномаи суғурта дар

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

минтақае, ки пешбурди судӣ вобаста ба ҳодисаи суғуртавӣ мавриди бараpсӣ қарор дошт, амал мекардаанд, сурат мегирад.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

14.1. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти суғуртавӣ даст кашад агар:

14.1.1 . оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ Суғуртакунанда дар мӯҳлати дар Шартномаи суғурта шартгузоришуда хабардор набуд, агар исбот карда нашавад, ки Суғуртакунанда саривақтӣ оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ фаҳмидааст ва ё дар Суғуртакунанда набудани маълумот оиди он наметавонист ба ӯҳдадории вай барои амалӣ намудани пардохти суғуртавӣ таъсир расонад;

14.1.2 зарарҳо дар натиҷаи он ки Суғурташаванда барқасдона чораҳои ақлона ва дастрасро барои паст кардани зарарҳои эҳтимолӣ, наандешидааст, ба вуҷуд омадаанд;

14.1.3 . ҳодисаи суғуртавӣ дар натиҷаи амалҳои бар қасдонаи Суғурташаванда ба миён омадааст.

14.2 . Ӯҳдадории Суғуртакунанда ба чунин зарарҳо ва хароҷот паҳн намегардад, агар шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад:

14.2.1. зарарҳои бавоситаи Суғурташаванда, инчунин шахсони ҷабрдида (фоидаи аздастдода, ҷарима аҳдшиканӣ, зарар дар натиҷаи боздошт ва ё таъхир, бекор истодани нақлиёти ҳавоӣ, вайрон кардан, бекор кардани шартномаи мусофиркашӣ, ҷаримаҳои шартномавӣ ва ҷаримаҳои қонунии дигар ва ғ.);

14.2.2. хароҷоти тозакунӣ ва утилкунии боқимондаҳои молумулки суғурташуда;

14.2.3.хароҷоти корҳои ҷустуҷӯӣ дар ҳолати бедарак гум шудани нақлиёти ҳавоӣ;

14.2.4. хароҷоти азнавтаҷҳизонӣ, муосиркунӣ, аз нав коркардкунии нақлиёти ҳавоӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, таҷҳизот ва таркибҳои техникӣ (агар чунин корҳо бо таъмирҳои садамавӣ якҷоя карда шаванд), инчунин хароҷот барои таъмири нуқсонҳое, ки бо ҳодисаи суғуртавӣ алоқаманд нест ва ҳангоми гузаронидани таъмири садамавӣ дар алоқамандӣ бо ҳодисаи суғуртавӣ ошкор карда шудаанд;

14.2.5. маблағҳое, ки ба Суғурташаванда аз ҷониби шахсони севвум аз рӯи тартиби ҷуброни маънавӣ дар алоқамандӣ бо ҳодисаи суғуртавӣ пардохта мешаванд;

14.2.6. маблағҳои дигаре, ки аз ҷониби Суғуртакунанда бар хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ҷуброн карда намешаванд.

14.3 Қарор оиди даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ ба Суғурташаванда ба таври хаттӣ бо сабабҳои асосноки даст кашидан аз пардохт расонида мешавад.

14.4 Даст кашидани Суғуртакунанда барои аз амалӣ намудани пардохти суғуртавӣ метавонад аз ҷониби Суғурташаванда дар суд шикоят оварда шавад.

## 15. ФРАНШИЗА

15.1. Шартномаи суғурта метавонад франшизаи шартӣ ва ё ғайришартиро пешбинӣ намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғуртакунанда танҳо барои зараре, ки аз франшизаи мувофиқаткунанда зиёд аст ва дар Шартномаи мазкур ишора гардидааст, ӯҳдадор аст. Агар ҳодисаи суғуртавии рухдода нисбати зиёда аз як таваккал мавриди истифода қарор гирад, онгоҳ франшизаи ҳаҷман калонтарин истифода мегардад, ки ба ҳар кадом таваккали суғуртавӣ мансуб аст. Франшиза бидуни истисно нисбати тамоми зарарҳо, новобаста аз шумораи чунин зарарҳо дар давраи суғурта, мавриди истифода қарор мегирад.

Ҳангоми дар Шартномаи суғурта муқарар кардани франшизаи ғайришартӣ, ӯҳдадории Суғуртакунанда бо ҳаҷми зарар ва соқит кардани франшиза муқарар карда мешавад.

15.2. Франшиза дар Шартномаи суғурта бо созиши тарафайн бо фоизҳо аз маблағи суғуртавӣ ва ё дар ҳаҷми мутлақ муқарар карда мешавад.

15.3. Франшизаи дар шартномаи суғурта муқараршаванда метавонад ба сифати омиле хизмат намояд, ки ба истифодаи коэфисентҳои пасткунандаи тарофаи суғуртавӣ таъсир мерасонад, хизмат намояд, ба ғайр аз он ҳолатҳое, ки муқарар кардани франшиза шарти ҳатмии қабули таваккал барои суғурта бошад.

15.4. Ҳангоми суғуртакунӣ бо ҳамарзиши асъорӣ ҳаҷми франшиза бо ҳадафҳои пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо пули миллии сомонӣ аз рӯи қурби асъори Бонки милии Тоҷикистон, ки барои асъори мутобиқаткунанда муқарар карда мешавад, дар санаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ҳисоб карда мешавад, агар Шартномаи суғурта дигар ҳолатро пешбинӣ накарда бошад.

Илова бар он бо мақсади амалӣ намудани назорат аз болои таваккали асъорӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад маҳдудиятҳоро нисбати бузургии тағийрёбии қурби асъор, ки аз ҷониби Суғуртакунанда истифода бурда мешавад, бо дар Шартномаи суғурта инъикос намудани чунин маҳдудиятҳо мавриди истифода қарор диҳад.

## 16. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

16.1. Даъвои аз руи талаботи Шартномаи суғурта ба миён омада, метавонад дар давоми мухлати даъво, ки аз ҷониби қонунгузорӣ муқарар гардидааст, изҳор карда шавад.

16.2. Агар баъди ба итмом расидани тафтишоти худи Суғуртакунанда аз пардохти зарар, ки ба ақидаи Суғурташаванда зери шарти Шартномаи суғурта қарор мегирад, онгоҳ бо талаби Суғурташаванда баҳс дар мақомоти салоҳиятдори судӣ баррасӣ мегардад.

16.3. Суғуртакунанда ва Суғурташаванда дар Шартномаи муайян ва ё гурӯҳи Шартномаҳои суғуртавӣ метавонад шартҳои махсуси боиси додрасии баҳсҳо будан, ки аз Шартномаи суғурта бармеояд, бо он ҳадде, ки ин ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба ҳуқуқи байналхалқии воқеъӣ мухолифат накунад, пешбинӣ намоянд.

## 17. ШАРТҲОИ МАХСУС

17.1. Мувофиқи Қоидаҳои мазкур дар шартномаи суғуртаи бастunion шаванда бо созиши тарафҳо метавонад шартҳои махсус (тақяҳои суғуртавӣ, муайянкунӣ,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

истиснокунӣ ва ғ), ки аз шароитҳои Қоидаҳои мазкур фарққунанда илова карда метавонад.

17.2. Бо созиши Тарафҳо ба шартҳои шартномаи суғурта иловаҳо ва тағйиротҳо дар бандҳои алоҳида шартҳои дигар, ки ба талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф намебошанд ворид карда метавонад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Замимаи №2**
ба Қоидаи суғуртаи
ихтиёрии нақлиёти ҳавоӣ ва
ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии
соҳибони нақлиёти ҳавоӣ

**НАМУНА**

Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғуртавӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.

**ПОЛИСИ СУҒУРТАВИИ**
суғуртаи ихтиёрии нақлиёти ҳавоӣ ва
ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони нақлиёти ҳавоӣ
**Силсила:__________ Рақам:__________**

**хиёбони Рудакӣ 127 МС «Рудаки Плаза», ут. 501-502**
E-mail: info@spitameninsurance.tj тел. (44) 610 79 97/ (44) 601 79 97

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Суғуртакунанда:** | | | |
| **Суғурташаванда:** | | | |
| **Фоидагиранда:** | | | |
| **Объекти суғурта:** | | | |
| **Тамға:** | **Навъ:** | | **Ранг:** |
| **№ Бордон:** | **№ Шассӣ:** | | **№ Муҳаррик:** |
| **Шаҳодатномаи бақайдгирӣ:** | **Рақами бақайдгирӣ:** | | **Соли барориш:** |
| **Ҳодисаи суғуртавӣ:** | **Андозаи маблағи суғурта:** | **Тарифи %** | **Андозаи ҳаққи суғурта:** |
| - дузди;<br>- зарар;<br>- садама. | | | |
| Масъулияти шаҳрвандию ҳуқуқӣ | | | |
| Суғуртаи мусофирон аз ҳодисаҳои нохуш: | | | |
| Даст навис дар умум: | | | |
| Франшиза (шарти/ғайришартӣ) | Зарар,<br>Садам,<br>Дузди. | МШҲ | ҲН (пассажиров)/ҲН (мусофирон) |
| Ҳудуди фаъолияти суғурта: | | | |
| Санаи додашудаи полис: | «___»_____________ _______сол. | | |
| Мӯҳлати амали полиси суғурта: | аз «____» _____________ ______сол то «____» ____________ ______сол | | |

**СУҒУРТАКУНАНДА:**
**ҶСДММ «Спитамен Суғурта»**

ч.м. ____________________ имзо

**СУҒУРТАШАВАНДА:**
Бо қоидаҳои суғуртакунӣ шинос шудам.

____________________ имзо

Замимаи №1
ба қоидаи суғуртаи ихтиёрии нақлиёти ҳавой ва
ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони нақлиёти ҳавой

ШАРТНОМАИ
суғуртаи ихтиёрии нақлиёти ҳавой ва
ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони нақлиёти ҳавой
Силсила: ____________ Рақам:____________

Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди «Спитамен Суғурта» (минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад) дар шахсияти ____________ *(вазифа, пурра, ному насаби намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда)*, ки дар асоси ________________ *(оиннома, рақам ва санаи ваколатнома)*, аз як тараф ва ____________ (минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад) дар шахсияти, дар асоси ________________ *(оиннома, рақам ва санаи ваколатнома) амалкунанда*, аз тарафи дигар, ки минбаъд Тарафҳо номида мешаванд, дар асоси шартҳои дар «қоидаи суғуртаи ихтиёрии киштиҳои ҳавой ва уҳдадории шаҳрвандии мусофирбари ҳавой» `овардашуда аз «____» ____________ с. (минбаъд «Қоида» ва ё «Қоидаи суғурта» номида мешаванд), Шартномаи мазкурро оиди зайл ба имзо расониданд.

## 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1. Аз рӯи Шартномаи мазкур Суғуртакунанда уҳдадор мешавад ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар ҳудуди маблағҳои суғуртавӣ пардохти суғуртавиро ба Суғурташаванда (Фоидагиранда), инчунин ба шахсони зарардида (Фоидагирандаҳо), ки уҳдадории шаҳрвандиро дар назди онҳо Суғурташаванда дорад, амалӣ намояд, Суғурташаванда уҳдадор мешавад подоши суғуртавиро дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи Шартнома пардохт намояд.

## 2. ШАРТҲОИ ШАРТНОМА

2.1 Объекти суғуртаи манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки бо таваккали гум кардан, нуқсондоршавӣ ва ё талафоти киштиҳои ҳавой, ки дар поён оварда мешаванд ва ё бо таваккали рух додани уҳдадории Суғурташаванда аз рӯи тартиби муқарарнамудаи қонунгузории амалкунанда, барои ҷуброни зарари ба ҳаёт ва саломатӣ ва ё молумулки шахсони ҷабрдида (Фоидагирандагон) ҳангоми истифодабарии киштии ҳавой расонидашуда, ки дар поён ишора карда мешавад ва ё ҳангоми амалинамоии ҳамлу нақли ҳавоии мусофирон, бағоч, бор ва почта ба миёномада. Таваккалҳои дигар мутобиқи Қоида.

2.1. Суғурта асосан аз чунин таваккалҳо амалӣ мегардад:

2.2. Маблағи умумии суғуртавӣ аз рӯи Шартнома дар ҳаҷми____________ муқарар карда мешавад

2.3. Лимитҳои дигари ҷубронкунӣ: ____________

2.4. Франшиза: ____________

2.5. Аъзоҳақии суғуртавӣ (подоши суғуртавӣ): ____________

Шакли пардохти аъзоҳаққиҳои суғуртавӣ: якваќта ____________;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

бо маблағгузаронии ғайринақдӣ бо пули нақд.
Аъзоҳаққии якум (яквақта) на дертар аз «____» ______________ с. пардохт карда шавад. дар ҳаҷми: ______________ сом.
Аъзоҳаққии дуввуми суғуртавӣ ҳангоми пардохти муҳлатдори подоши суғуртавӣ на дертар аз «____» ______________ с. дар ҳаҷми: ______________ сом. ворид карда шавад.

2.6. Муҳлати амали Шартномаи суғурта: аз «____» ______________ с. то «____» ______________ с. (аммо ба ҳар ҳолат, Шартнома на пештар аз пардохти аъзоҳақии аввалини суғуртавӣ ва ибтидои корҳои сохтмонӣ дар майдонча шурӯъ гардида на дертар аз ба истифода додани объект ва ё амалӣ намудани санҷиши озмоишии объект қатъ мегардад).

2.7. Пардохти суғуртавӣ дар муддати 10 рӯзи корӣ аз рӯзи аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонидани санад оиди ҳодисаи суғуртавӣ, ки дар муддати як моҳи баъди аз ҷониби Суғурташаванда пешниҳод гардидани тамоми ҳуҷҷатҳо барои ба танзим даровардани зарарҳо тартиб дода мешавад, амалӣ мегардад.

2.8. Суғурткунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти суғуртавӣ даст кашад, агар дар муддати амали Шартнома чунин ҳолатҳо ҷой дошта бошанд:

– амали барқасдонаи Суғурташаванда (кормандони вай), ки ба рух додани ҳодисаи суғуртавӣ равона карда шудааст, аз он ҷумла забон як кардан бо шахси севвуми ҷабрдида;

– аз ҷониби Суғурташаванда ва ё шахсе, ки ба манфиати вай шартномаи суғурта баста шудааст, содир гаштани ҷинояти барқасдона, ки бо ҳодисаи суғуртавӣ дар алоқаи бевосита мебошад;

– аз ҷониби Суғурташаванда ба Суғурткунанда расонидани маълумоти пешакӣ бардурӯғ оиди кормандони тиббӣ ва ҳодисаҳои суғуртавӣ;

– аз ҷониби Суғурташаванда гирифта шудани ҷубронӣ мувофиқаткунанда ҳангоми расонидани зарар ба саломатии ашхоси севвум аз ҷониби шахси барои расонидани ин зарар гунаҳкор.

## 3. ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

3.1. Шартномаи суғурта дар чунин ҳолатҳо қатъ карда мешавад:

– гузаштани муҳлати амал;

– аз ҷониби Суғурткунанда ба пурраги иҷро гардидани ӯҳдадориҳо аз рӯи шартнома;

– аз ҷониби Суғурташаванда пардохт нагардидани аъзоҳаққиҳои суғуртавӣ дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи шартнома;

– барҳамдиҳии Суғурташаванда, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад ва ё марги Суғурташаванда, ки шахси воқеъӣ мебошад, ба ҷуз ҳолатҳои ивази Суғурташаванда дар шартномаи суғурта;

– барҳамдиҳии Суғурткунанда аз рӯи тартиби муқарарнамудаи қонунгузории ҶТ;

– қатъ гардидани амали шартномаи суғурта бо қарори суд;

– дар дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории амалкунандаи ҶТ пешбинӣ намудааст.

3.2. Шартномаи суғурта метавонад пеш аз мӯҳлат бо талаби Суғурташаванда ва ё Суғурткунанда, ва ё бо созиши дуҷонибаи тарафҳо қатъ гардад. Дар бораи азми пеш аз мӯҳлат қатъ кардани шартномаи суғурта тарафҳо ӯҳдадоранд, ҳамдигарро на дертар аз 30 рӯз аз санаи пешбинишавандаи қатъ намудани шартномаи суғурта, хабардор

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

намоянд.

3.2.1. Ҳангоми пеш аз мӯҳлат қатъ кардани суғурта бо талаби Суғурташаванда подоши суғурта баргардонида намешавад, агар ки талаби Суғурташаванда бо вайронкунии Қоидаҳои суғурта аз ҷониби Суғуртакунанда, шартгузорӣ шуда бошад, онгоҳ Суғуртакунанда бояд, ки ба Суғурташаванда пардохтҳои вориднамудаи ӯро ба пуррагӣ баргардонад.

3.2.2. Ҳангоми пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани суғурта бо талаби Суғуртакунанда, вай ӯҳдадор аст, ки ба Суғурташаванда аъзоҳаққии суғуртавии гирифтаашро ба пуррагӣ баргардонад, агар қатъ кардани суғурта бо аз ҷониби Суғурташаванда иҷро нагардидани Қоидаҳои суғурта алоқаманд набошад, дар акси ҳол вай бояд ки қисми аъзоҳаққиҳоро барои мӯҳлати ба итмомнарасидаи шартнома бо соқит намудани хароҷоти сарфанамуда баргардонад.

## 4. ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

4.1. Суғуртакунанда ӯҳдадор аст:

– полиси суғуртавиро бо замима намудани Қоидаҳои мазкур дар мӯҳлати муқараргардида пешниҳод намояд;

– ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ, пардохти суғуртавиро дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи шартномаи суғурта пардозад;

– маълумотро оиди Суғурташаванда ва ҳолати молумулкии вай ифшо нагардонад, агар ин бо санадҳои қонунгузории ҶТ мухолифат накунад.

4.2. Суғурташаванда ӯҳдадор аст:

– Аъзоҳаққиҳои суғуртавиро саривақтӣ пардозад;

– ҳангоми ба имзо расонидани шартномаи ба Суғуртакунанда оиди тамоми шартномаҳои суғуртаи басташуда ва ё басташаванда нисбати объекти суғуртаи мазкур хабар диҳад;

– чораҳои зарураро оиди пешгирӣ ва кам кардани зарар андешад;

– ба Суғуртакунанда оиди ибтидои амалҳои мақомоти босалоҳият аз рӯи далели расонидани зарар (тафтишот, даъват ба суд ва ғ.) хабар диҳад;

– ҳуҷҷатҳо ва маводҳои мавҷудаи барои қабули қарор зарураро оиди пардохти суғуртавӣ аз рӯи шартнома пешниҳод намояд;

– дар давоми амали шартномаи Қоидаҳои муқараргардида оиди техникаи бехатарӣ ва меъёрҳои бехтарии зидди сӯхтор, ҳимояи объект ва талаботи санитарӣ-эпидемиологииро риоя намояд;

– ба Суғуртакунанда фавран оиди ҳар кадом тағийрот дар хусусияти таваккал хабар диҳад, агар ин тавонад ба баландшавии дараҷаи таваккали суғуртавӣ таъсир расонад;

4.3. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

– Ба ширифтани ҷуброни суғуртавӣ дар ҳаҷми зарари бевосита (ҳақиқӣ) дар ҳудуди маблағи суғуртавӣ бо назардошти шартҳои муайяне, ки дар шартномаи суғурта оварда шудаанд;

– Ба тағийр додани шартҳои шартномаиа суғурта бо тартиби муқарарнамудаи Қоида;

– Ба бекор кардани шартномаи суғурта мутобиқи Қоидаҳо;

4.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

– Ҳолати объекти суғурташударо, мутобиқи маълумотҳои ба вай аз ҷониби

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғурташаванда хабардодашуда оиди объекти суғурта дар муқоиса бо ҳолатҳои ҳақиқӣ инчунин аз ҷониби Суғурташаванда риоя намудани меъёрҳои сохтмонӣ, қоидаи техникаи бехатарӣ ва шартҳои шартномаи суғуртаро тафтиш намояд;

- Дар нацотдиҳӣ ва ҳифзи молумулки суғурташуда иштирок намояд, оиди кам кардани зарар, ки барои Суғурташаванда ҳатмӣ мебошанд, тавсияҳои хаттӣ диҳад. Аммо ин амалҳо наметавонанд ҳамчун аз ҷониби Суғуртакунанда эътироф гардидани уҳдадории оиди пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ баррасӣ гарданд;
- Сабабҳо ва ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавиро мустақилона ошкор намояд;
- Ба азназаргузаронии молумулки зарардида, бидуни интизории даъвати Суғурташаванда оиди зарар шурӯъ намояд. Суғурташаванда ҳуқуқ надорад дар ин амал ба Суғуртакунанда мамониат намояд;
- Аз Суғурташаванда маълумоти барои муқарар кардани далели ҳодисаи суғуртавӣ заруraро оиди муайян намудани ҳаҷми зарар, аз он ҷумла маълумотҳои таркиби сирри тиҷоратӣ доштаро талаб намояд;
- Ҳангоми зарурат ба мақомоти босалоҳият оиди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои мувофиқаткунанда ва маълумоти тасдиқкунандаи далел ва сабаби рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дархост ирсол намояд.

4.5. Тарафҳо уҳдадоранд шартҳои шартномаи мазкур ва маълумотҳои дигарро оиди ҳолати молумулкии тарафҳо, ифшо накунанд.

5. Тамоми мубоҳисаҳое, ки аз шартномаи мазкур бармеоянд, бо роҳи гуфтушуниди Тарафҳо ҳал карда мешаванд, дар ҳолати ба даст наомадани созиш – аз рӯи тартиби муқарарнамудаи қонун ҳал карда мешаванд.

6. Ҳуқуқи пешниҳоди даъво ба Суғуртакунанда дар муддати мухлати мурури даъво мутобиқи қонунгузории шаҳрвандии ҶТ нигоҳ дошта мешавад.

7. Қоидаҳои суғуртаи ихтиёрии нақлиёти ҳавоӣ ва ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони нақлиёти ҳавоӣ

8. Мухлати қабули қарор дар бораи пардохтҳои суғуртавӣ ё даст кашидан аз амалишавии пардохти суғуртавӣ

8.1. Мухлати амалишавии пардохти сугурта ё кабули карор дар бораи асоснокуни даст кашидан аз амалишавии пардохти сугурта 30 руз аз рузи пешниходи Сугурташаванда охирини хуччатхое, ки дар шартномаи мазкур пешбини карда шудааст, иборат мебошад. Дар бораи кабули чунин карор Сугуртакунанда Сугурташавандаро хатти ё бо услули дигар, метавонист дурусти онро байён кунад, огох намояд.

8.2. Шартномаи сугурта мухлати кутохтарини амалишавии пардохти сугурта ё кабули карор дар бораи асоснок даст кашидан аз пардохти сугуртаро пешбини карда метавонад

**СУҒУРТАШАВАНДА**

________________

**СУҒУРТАКУНАНДА**

________________

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT